*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо суроғаи: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ” (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Таъмини иҷрои барномаи давлатии озуқаворӣ ва амнияти озуқавории аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат ба омӯзиш ва таҳлили шакл ва механизмҳои танзми давлатии таносуби рушди зермаҷмуи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин ба сифати мавзӯи таҳқиқот масъалаҳои маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои низоми асосноккунии зарурати танзими давлатӣ ва истеҳсолоти зермаҷмӯи гӯшту шир, ҳамчунин рушди мутавозуни он дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, равишҳои стратегӣ, чораҳои мувофиқгардонии давраи гузариш ва арзёбии дурнамои наздиктарин дар ин самт интихоб гардидааст, ки омӯзишу таҳлили он барои расидан ба ҳадафи дар диссертатсия гузоштащуда мусоидат менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот, ки аз асосноккунии назариявӣ ва методологии коркарди амалии пешниҳодҳои омӯзиши роҳҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад, асоснокии ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии мафҳумҳои танзими давлатӣ, банақшагирии иқтисодиёт, рушди мутавозун ва накши онҳо дар таъмини рушди устувори

иқтисоди кишоварзӣ ва амнияти озуқавории мамлакат, инчунин аз муайян кардани низоми нишондиҳандаҳои сатҳи дастгирии давлатии соҳа, таснифоти механизмҳои танзими давлатӣ дар соҳаи чорвои гӯштию ширӣ ва аниқ гардонидани самт ва шаклҳои танзими зермаҷмаҷмӯи гӯшту шир, васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи корхонаҳои ватанию хориҷӣ, имкониятҳои истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ ва дигар навгониҳои илмӣ иборат мебошад.

Дар қисмати нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия таҳлил ва баҳогузории вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин таҳияи чорабиниҳо оид ба такмили низоми танзими давлатии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир бо дарназардошти рушди мутавозуни иқтисодиёти хоҷагиҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷой дода шудааст, ки барои расидан ба ҳадаи таҳқиқот мусоидат менамояд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1.Хуб мешуд агар муаллифи диссертатсия унсурҳои таносуби истеҳсолиро, ки дар расми 1 (саҳ.11) оварда шудааст, дар автореферат ба таври муфассал шарҳ медод.

2. Агар муаллиф шакл ва усулҳои танзими давлатиро дар зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои гӯшту шир (саҳ.13) васеътар шарҳ медод ба фоидаи кор мебуд.

Норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсияро кам намекунанд. Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллифи диссертатсия вазифаҳоро бомуваффақият иҷро кардааст. Хулоса ва пешниҳодоти дар автореферат пешниҳодшуда асосноканд, мақолаҳои илмии

нашркардаи муаллиф муқаррароти асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки автореферати диссертатсия Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ” (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.

*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17*
*тел: (+992 37) 221 77 11*
*e-mail: tgnu@mail.tj*
*e-mail: kobil_barfiev@mail.ru*

Тасдиқ мекунам имзои Қ.Х. Хушвахтзодаро
Сардори Раёсати кадр ва КМ Тавқиев Э.Ш.